**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оид ба диссертатсияи номзадии Арбобов Хайёмҷон Муқаддамович дар мавзуи «Таърихи муҳандисӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои X-XV» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10.01 – Таърихи илму техника (илмҳои таърих).**

Дар асоси қарори Шурои диссертатсионӣ аз 28.08.2024 барои рисолаи диссертатсионии Арбобов Хайёмҷон Муқаддамович аъзои комиссияи ташхисӣ дар ҳайати 3 нафар мутахассисони соҳаи рисолаи ҳимояшаванда аз шахсони зерин интихоб карда шуданд:

1. Қурбонзода Хоналӣ – узви шуро, доктори илмҳои таърих, профессор, аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ – раиси комиссия;
2. Сафаров Шоҳин Рустамович - номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 01.04.14 – Физикаи ҳароратӣ ва назарияи техникаи гармо – аъзои комиссия;
3. Ҳасанов Дӯстмурод Раҷабмуродович - номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10.01 - Таърихи илму техника - аъзои комиссия.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки дар асрҳои миёна дар инкишофи донишҳои муҳандисӣ саҳми бародарони донишманд, бо номи писарони Мӯсои Шокири Хуросонӣ, ки дар таърихи илму техника бо номи «Бану Мӯсо» («Писарони Мӯсо») маъруфанд, нақши муҳим доранд. Ин бародарон Муҳаммад, Аҳмад ва Ҳасан (писарони Мӯсо ибни Шокири Хуросонӣ) буда, дар баробари дигар илмҳои риёзиву табииётшиносии замони худ инчунин дар инкишофи механика ва муҳандисӣ саҳми босазо гузоштаанд. Инчунин дастовардҳои муҳандисии донишмандоне чун Абуалии Синову Абурайҳони Берунӣ, Абубакри Розиву Абубакри Караҷӣ, Абдураҳмони Хозинӣ, Исмоили Ҷазарӣ ва дигарон дар ташаккул ва пешрафти донишҳои муҳандисӣ назаррас аст.

Кори диссертатсионии Арбобов Х.М. воқеан аввалин кори

диссертатсионӣ дар бораи таърихи муҳандисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, муаллиф тавонистааст таҳлили таърихӣ-илмиро бар асоси сарчашмаҳои муайян ва маводи нашршудаи мавҷуда баррасӣ намояд.

Барои амалӣ гардонидани ҳадафи асосии таҳқиқоташ унвонҷӯ вазифаҳои зеринро ба миён гузошта, ба иҷрои он пурра муваффақ гардидааст:

- баррасии марҳалаҳо ва заминаҳои пайдоиши донишҳои муҳандисӣ;
- баррасии марҳалаҳои асосии омӯзиши таърихи муҳандисӣ дар кишварҳои Шарқи Қадим ва Юнону Рими Қадим;
- таҳқиқи таҳаввул ва инкишофи муҳандисӣ дар кишварҳои исломии асримиёнагӣ;
- таҳқиқ ва татбиқи донишҳои муҳандисӣ дар ҷараёни омӯзиши донишҳои техникӣ;
- омӯзиши таърихи муҳандисӣ дар осори донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик;
- омодасозии мутахассисони ҷавон ва таваҷҷуҳи махсус ба масъалаи тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи таърихи муҳандисӣ ҳамчун ҷузъи таркибии таърихи илм ва техника;
- ба таври бояд мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор додани таърихи азхудкунии донишҳои муҳандисӣ ва махсусан донишҳои техникӣ дар ҷумҳурӣ;
- таҳаввул ва инкишофи таърихи муҳандисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар аз лиҳози таърихи илм ва техника мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Навгонии илмии муаллиф аз он иборатанд, ки дар асоси сарчашмаҳои муътамад таҳқиқоти илмии мавҷуда анҷом пазируфта, пажӯҳишоти шахсии худ бори нахуст дар таърихи илму техникаи ватанӣ пайдоиш, ташаккул ва инкишофи донишҳои муҳандисӣ дар осори ниёгони тоҷиконро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҷиҳати дигари навгонии таҳқиқот, омӯзиши ҷараёни ташаккул ва инкишофи донишҳои муҳандисӣ ва аҳамияти он дар таърихи илму техникаи ҷаҳонию ватанӣ мебошад. Дар рисола аҳамияти омӯзиши

таърихи муҳандисӣ дар мисоли таърихи донишҳои муҳандисӣ дар сафҳаҳои таърихи илму техникаи ҷаҳонӣ низ матраҳ гардидааст.

Дар асоси мутолиаи диссертатсия ва автореферати муаллиф ба хулоса омадан мумкин аст, ки ӯ ҳамчун мутахассиси соҳаи таърихи илм ва техника худро нишон дода тавонистааст, ки аз рӯи корҳои нашркардааш возеҳ ба чашм мерасад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия аз натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда маълум мешавад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.10.01 - Таърихи илму техника, ки аз рӯи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳрасти ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад, мувофиқат мекунад.

Комиссияи ташхисӣ рисолаи диссертатсионии Арбобов Хайёмҷон Муқаддамовичро дар мавзуи «Таърихи муҳандисӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои X-XV» ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор дода, чунин меҳисобад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланд иҷро гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 21 интишороти илмии муаллиф пурра инъикос ёфтааст, ки аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои гуногуни тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шуда, 2 мақола бидуни ҳаммуаллифӣ буда, ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишороти унвонҷӯ натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф пурра инъикос ёфтаанд.

Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи диссертатсия таҳия гардида, мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ ба ихтисоси 07.00.10.01 -

Таърихи илму техника (илмҳои таърих) комилан мувофиқанд.

Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия дар автореферат дар шакли мухтасару мушаххас ба забонҳои давлатӣ (тоҷикӣ) ва русӣ пурра баён гардида, шарҳи мухтасари он ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ инъикоскунандаи муҳтаво ва ҳадафи мавзуи интихобкардаи муалиф мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Арбобов Хайёмҷон Муқаддамович дар мавриди истифодаи иқтибосот бар манбаҳо дуруст ба расмият даровадра шудааст. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ маълумоти ғайрисаҳҳеҳ мавҷуд намебошанд.

Комиссияи ташхисӣ банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 01 июли соли 2022, таҳти № 201/шд тасдиқ гардидааст, ба ҳисоб гирифта, пешниҳод менамояд:

Диссертатсияи Арбобов Хайёмҷон Муқаддамович дар мавзуи «Таърихи муҳандисӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои X-XV» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.10.01 - Таърихи илму техника (илмҳои таърих) ба Шурои диссертатсионии 6О.КОА-061 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» амалкунанда барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Муқарризони расмӣ аз рӯи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- **Усмонзода Аюб Ислом,** доктори илмҳои таърих, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров;

**Раҳимова Шаҳноза Каримовна,** номзади илмҳои таърих, сардори раёсати илм ва инноватсия ва робитаҳои байналмилалии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон;

- Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда **Донишгоҳи давлатнн Данғара** таъйин карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои таърих, профессор Қурбонзода Х.

Аъзои комиссия:
Номзади илмҳои техникӣ Сафаров Ш.Р.
Номзади илмҳои таърих Ҳасанов Д.Р.

Имзоҳои Х. Қурбонзода, Ш.Р. Сафаров ва Д.Р. Ҳасановро тасдиқ мекунам:

Сардори ШК ва КМ МДТ «ДДБ ба номи
Носири Хусрав» Исозода Т.И.